# Истифодаи устувори ҳифзи ҳайвонот ва наботот дар минтақаҳои ҷанубии фаромарзии Осиёи Марказӣ бо Афғонистон



Созмони Амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА) гузоришро дар доираи лоиҳаи «Коҳишёбии осебпазириҳо ва тақвияти устувории ҷамоатҳо дар минтақаҳои фаромарзии Осиёи Марказӣ бо Афғонистон: идоракунии захираҳои табиӣ, истифодабарии об ва амнияти энергетикӣ» пешниҳод мекунад. Мазмуни гузориш фарогири таҳлилу баррасии мушкилот ва роҳҳои ҳалли истифодаи устувори захираҳои табиӣ, наботот ва ҳайвонот дар минтақаҳои ҷанубии Осиёи Марказӣ мебошад. Дар гузориш аз саъю талошҳои ҳукуматҳо ва созмонҳои ҷамъиятӣ дар самти ҳифзи ҳайвоноти ваҳшӣ, аз ҷумла дар доираи Конвенсияи CITES дастгирӣ карда мешавад.

Роҳбарии умумӣ барои омода кардани гузориш: К. Мелис, М. Краснова

Мураттибон: Ф. Илларионова, В. Новиков, Ҷ. Хюз, М. Аразмедов, С. Иргашев, А. Заславская, Ҷ. Баротова, Е. Каленова

Тарҳбандӣ, муқова ва тасвирҳо: Д. Адилова, А. Поварич, Шабакаи экологии «Зой» (Zoï)

Тарҷумон: Ҷ. Яқубов

Аҳли муаллифон ба кишварҳо ва шарикон, аз ҷумла, Котиботи Конвенсияи CITES, ки дар баррасии лоиҳаи гузориш иштирок доштанд, инчунин ба намояндагони Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон ва ҳайати САҲА барои дастгирӣ изҳори сипос менамоянд.

**Огоҳӣ оид ба маҳдудияти масъулият**

Андешаҳо, натиҷагириҳо, тафсирҳо ва хулосаҳое, ки мундариҷаи ин нигоштаро дарбар мегиранд, ба муаллифони гузориш хос буда, ва қисмҳои алоҳидаи он ба ҳатмӣ набудани нуқтаи назар ё сиёсати САҲА ва давлатҳои иштирокчӣ ишора мекунад. САҲА барои зарар ё талафоте, ки метавонад натиҷаи истифодаи маълумоти дар ин нашрия мавҷудбуда бошад, масъулиятро ба дӯш надорад.

© Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА), 2025

OSCE Organization for Security and Co-operation in Europe

zoï environment network

CITES COP20 SAMARKAND 2025 UZBEKISTAN

# Мундариҷа


Муқаддима . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .4

1. Манфиати табиат барои аҳолӣ ва рушди иҷтимоию иқтисодӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .5

2. Таҳдидҳо ба гуногунии биологӣ. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .8

3. Тиҷорати ғайриқонунии намудҳо . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .12

4. Роҳҳои ҳал ва тавсияҳо . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .18

Маълумотномаҳо . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .22




# Муқаддима

Аҳолии навоҳии ҷанубии ҳам минтақаҳои кӯҳӣ ва ҳам биёбонии Осиёи Марказӣ барои пешбурди зиндагӣ, рушди иқтисодӣ ва некӯаҳволиашон ба захираҳои табиӣ, ҳайвоноти ваҳшӣ ва растаниҳо такя мекунанд. Дар доираи лоиҳаи «Вокуниш ба пайомадҳои ҳодисаҳо дар Афғонистон» (RIAOR), САҲА дар якҷоягӣ бо Шабакаи экологии Зой ҷиҳати мусоидат оид ба масъалаҳои ҳифзи ҳайвоноти ваҳшӣ барои аҳолӣ, ҷамоатҳои маҳаллӣ ва ҷавонон дар минтақаҳои ҷанубии Осиёи Марказӣ (Ӯзбекистон, Тоҷикистон ва Туркманистон) маводҳои иттилоотӣ - таҳлилии тасвирдорро таҳия кардаанд. Конвенсия дар бораи тиҷорати байналмилалии намудҳои зери хатари нобудшавӣ қарордоштаи фауна ва флораи ёбоӣ (CITES) — созишномаи байниҳукуматӣ, ки кишварҳои болозикр аъзои он ҳастанд, фаъолияташ ба ҳифз ва танзими тиҷорати байналмилалии намудҳои зери хатари нобудшавӣ қарордоштаи ҳайвоноти ваҳшӣ ва флора нигаронида шудааст. Татбиқи бомуваффақонаи Конвенсияи CITES аз ҳамкории байни мақомоти давлатӣ, инчунин баланд бардоштани огоҳӣ ва ҷалби ҷомеа вобаста аст.

Гузориш манфиатҳои захираҳои табииро барои ҷамоатҳои маҳаллӣ таъкид намуда, дар он оид ба ҷамъоварӣ ва тиҷорати ғайриқонунии набототу ҳайвонот ва зарари экологӣ дар ҳолатҳои истифодаи ғайриоқилона ва надонистани қонунҳову қоидаҳо мисолҳо оварда шудаанд. Тавсияҳо барои амал дар сатҳҳои гуногун пешниҳод карда мешаванд. Гузоришро метавон бо мақсадҳои таълимӣ ва баланд бардоштани сатҳи маърифати экологӣ, аз ҷумла, ҷиҳати омодагӣ ва иштирок дар Конфронси 20-уми Тарафҳои Конвенсияи CITES дар Самарқанд (Ӯзбекистон, ноябр-декабри соли 2025) истифода бурд.



# 1. Манфиати табиат барои аҳолӣ ва рушди иҷтимоию иқтисодӣ

Дар навоҳии ҷанубии Осиёи Марказӣ намудҳои беназири кӯҳӣ ва биёбонӣ ва экосистемаҳо вомехӯранд. Кӯҳҳои Копетдаг ва Койтентаг дар марзҳои ҷанубии Туркманистон тӯл мекашанд. Дар Ӯзбекистон кӯҳҳои Тён-Шони ғарбӣ дар ҳудуди Тошканд, инчунин кӯҳҳои Ҳисору-Олой бо гуногунии намудҳои зиёд ва беназири ҳайвонот ва растаниҳо фарқ мекунанд. Номзадии мамнӯъгоҳҳои табиии Койтентаг ва Сурхон, ки дар сарҳади Туркманистон ва Ӯзбекистон ҷойгиранд, айни замон мавриди омӯзиш қарор гирифта, барои ворид намудан ба мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО дархост пешниҳод карда мешавад. Кӯҳҳо қариб тамоми қаламрави Тоҷикистонро фаро мегиранд. Боғи миллии бузурги Тоҷикистон дар Помир ва мавзеъҳои обию ботлоқии мамнӯъгоҳи табиии «Бешаи палангон» аз объектҳои воридшуда ба мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО мебошанд.

Тоҷикистон ва Ӯзбекистон барои рушди сайёҳии экологӣ, варзишӣ ва фарҳангӣ талош мекунанд. Стратегияи рушди сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2030 рушди хатсайрҳои экологӣ, пиёдагардӣ ва аспсаворӣ, моҳидорӣ ва шикорро пешбинӣ мекунад. Ноҳияҳои кӯҳии Тоҷикистони марказӣ бо зебоиҳои табиӣ, чашмаҳои шифобахш ва мавзеъҳои шикор машҳуранд. Рушди сайёҳии экологӣ, дар минтақаи ҷанубии вилояти Хатлон, дар наздикии мамнӯъгоҳҳои машҳури Даштиҷум ва Бешаи палангон, метавонад ба манбаи алтернативии даромади иловагӣ барои сокинони маҳаллӣ табдил ёбад. Дар кӯҳҳои Туркманистон пайроҳаҳои саломатӣ бунёд шуда ва барномаҳои барқарорсозии ҷангалзор амалӣ карда мешаванд.

Дар солҳои охир, рушди сайёҳӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ ва мамнӯъгоҳҳои табиӣ ба мушоҳида мерасад. Кӯҳнавардӣ ва истироҳати варзишӣ дар кӯҳҳои Ӯзбекистон маъмуланд ва обанборҳои кӯҳӣ дар наздикии шаҳрҳо вақти тобистон хеле маъмуланд.

Гарчанде ки пӯшиши ҷангал дар ин кишварҳо коҳиш намеёбад ва ҳатто аз ҳисоби ниҳолшинонӣ афзоиш меёбад, сифати ҷангал аз сабаби чаронидани чорво ва ҷамъоварии аз ҳад зиёди ҳосили ҷангал ва истифодаи маҳсулоти ғайричӯбии ҷангал, ба монанди чормағз ва алаф, коҳишёбӣ ба мушоҳида мерасад. Эрозияи хок мушкилоти ҷиддӣ аст, ки боиси коҳиши ҳосилхезии заминҳои кишту чарогоҳҳо ва кам шудани захираҳои карбон мегардад. Шинондани дарахтон, киштгардон кардани зироатҳо ва идоракунии чарогоҳҳо ба барқарорсозии хок ва ҷангал ва афзоиши захираҳои карбон мусоидат мекунад.

Занбӯрпарварӣ рушд карда, барои ҷамоатҳои маҳаллӣ даромад меорад ва ба манфиати муҳити зист мебошад. Аммо, бо сабаби риоя накардани стандартҳо, дар содироти маҳсулот баъзе мушкилотҳо вуҷуд доранд.

Кӯҳҳои Осиёи Марказӣ дорои генофондҳои бойи растаниҳои наздики ёбоӣ, аз ҷумла себ ва нокҳои ёбоӣ, олуча, писта, дулона ва зирк мебошанд. Ин генофонд дар селексияи зироатҳои кишоварзӣ муфид буда, барои парвариш ва ба вуҷуд овардани навъи растаниҳое, ки ба бемориҳо, ҳашароти зараррасон ва шароити номусоид тобоваранд, мусоидат мекунад. Растаниҳои шифобахш, аз ҷумла камол, ширинбия, хуч, ангат ва ғайра ҷамъоварӣ гардида дар тибби халқӣ истифода бурда мешавад.

Кӯҳҳо макони зисти намудҳои ҳайвоноти дорои аҳамияти ҷаҳонӣ ба монанди морхур (бузи пармашох), архар, бабри барфӣ, паланг ва парандаҳои дарранда мебошанд. Қаблан бисёре аз ин намудҳо зери хатари нобудшавӣ қарор доштанд, аммо бо кӯшишҳои мақомоти давлатӣ, созмонҳои ғайриҳукуматӣ ва олимон, дар баробари ҷалби аҳолӣ ва ҷамоаҳо, шикори ғайриқонунӣ коҳиш ёфта, имкон пайдо шуд, ки ин намудҳо барқарор шаванд ва таҳдидҳо ба муҳити зисти онҳо коҳиш ёбад.

Дар ҷануби Осиёи Марказӣ биёбонҳо бартарӣ доранд, аммо манбаъҳои об иборат аз дарёҳо, кӯлҳо, обанборҳо ва каналҳо воҳаҳоеро ташкил медиҳанд, ки дар он ҷо одамон зиндагӣ ба сар мебаранд ва кишоварзӣ рушд намудааст. Чарогоҳҳои васеъ дар биёбонҳо заминаи рушди чорводориро фароҳам меоранд. Бинобар сабаби афзоиши аҳолӣ ва талабот ба маводи ғизоӣ, шумораи чорво афзоиш меёбад, ки фишорро ба чарогоҳҳо зиёд мекунад. Ҷангалҳои биёбонӣ ва ниҳолшинонӣ дар коҳиш додани хатари биёбоншавӣ ва нигоҳ доштани ҳосилнокии чарогоҳҳо нақши калидӣ мебозанд.

# Экосистемаҳои кӯҳӣ

## *Ҳаёт дар ҳамоҳангӣ бо табиат*




Дар дарёҳо ва обанборҳо зироатҳои обӣ ва моҳипарварӣ рушд менамояд. Бо мақсади ҳифзи захираҳои моҳӣ, маҳдудиятҳои мавсимӣ барои моҳидории фароғатӣ ҷорӣ карда шудаанд, масалан, манъ кардан дар давраи тухмгузорӣ. Ҷангалҳои туғайзор ва растаниҳои обӣ дар тозакунии обҳо нақши калидӣ доранд ва макони зисти парандагон ва ҳайвоноти сершумор маҳсуб меёбанд.

Бо талоши доираҳои коршиносон ва мақомоти давлатӣ, парваришгоҳҳо барои парандаҳо ва ҳайвонот бунёд гардида ва рушд меёбанд, ки ба барқарор гаштани популятсияи шумора ва рушди сайёҳӣ мусоидат мекунанд.

Дар Ӯзбекистон якчанд ниҳолхонаҳо барои парвариши намудҳои нодир ва зери хатари нобудшавӣ, инчунин Боғи ботаникии Тошканд мавҷуданд, ки дар онҳо намудҳои нодир ва зери хатари нобудшавӣ ҳифз ва омӯхта мешаванд. Бисёре аз ниҳолхонаҳо дар тобеияти Вазорати экология, ҳифзи муҳити зист ва тағйирёбии иқлими Ҷумҳурии Ӯзбекистон қарор дошта, боғи ботаникӣ таҳти тобеияти Академияи илмҳо қарор дорад.

Парваришгоҳи бузургтарин ва қадимтарин дар Ӯзбекистон — Маркази экологии «Ҷейран» мебошад, ки соли 1977 таъсис ёфта ва масоҳати 16 500 гектарро ишғол менамояд. Дар аввал, он барои барқарор кардани ҷейранҳо таъсис дода шуда буд, баъдтар бо парвариш намудни дигар намуди ҳайвонот, аз ҷумла қулонҳо, гӯсфанди кӯҳии бухороӣ, аспҳои намуди Пржевалский, морхӯр, пеликанҳо, уқобҳо, шоҳинҳо, калтакалосҳо ва дигар ҳайвоноти биёбонӣ фаъолияти худро васеъ кард.

Илова ба барномаҳои тадқиқотӣ ва барқарорсозӣ, маркази экологӣ бо баланд бардоштани сатҳи маърифати экологии аҳолии маҳаллӣ машғул буда, барои донишҷӯён таҷрибаомӯзӣ ва экскурсияҳо ташкил мекунад.

Ӯзбекистон бо кишварҳои халиҷи Форс, ба монанди Қатар ва Аморати Муттаҳидаи Араб дар соҳаи барқарорсозии популятсияи намудҳои зери хатар қарордоштаи парандагон, аз ҷумла дуғдоғи зебо (*houbara bustard*) ҳамкорӣ мекунад. Яке аз марказҳои ҳифз ва парвариши он дар вилояти Бухоро соли




2012 ифтитоҳ гардида, майдони 400 гектарро ишғол мекунад. Ҷамъияти ҳифзи парандагони Ӯзбекистон ҳар сол мониторинги намудҳои нодир ва нобудшавандаи парандагонро мегузаронад, маъракаҳои иттилоотӣ ташкил мекунад ва барои коҳиш додани шикори ғайриқонунӣ ва ҳифзи макони зист чораҳо меандешад.

Дар Тоҷикистон, дар мамнӯъгоҳи биосферии Ромит ва боғи табиии Сари-Хосор марказҳои ҳифзи оҳуи Бухороӣ мавҷуданд, ки тақрибан 40 сар дар онҳо мавҷуданд. Дар мамнӯъгоҳи табиии Даштиҷум маркази ҳифзи бузи морхур (бузи пармашох) ҷойгир шудааст, ки макони зисти он кӯҳҳои минтақаҳои марзии Тоҷикистон ва Афғонистон ба ҳисоб меравад. Дар даҳ соли охир, шумораи бузи морхур аз 2000 то 6000 афзоиш ёфтааст. Дар мамнӯъгоҳи «Бешаи палангон», ки дар наздикии марзи Афғонистон ҷойгир аст, як парваришгоҳи тазарви тоҷикӣ мавҷуд буда, дар он 1500 сар ба муҳофизат ва нигоҳдорӣ фаро гирифта шудааст. Дар минтақаи баландкӯҳи Мурғоби Тоҷикистон, наздики марзи Чин ва Афғонистон, чанде қабл маркази барқарорсозии бабри барфӣ дар масоҳати 10 гектар таъсис дода шуд, ки дар он ҳашт сар бабри барфӣ ба нигоҳубин фаро гирифта шудаанд.

Дар хоҷагии ҷангали Тоҷикистон панҷ ниҳолхонаи асосӣ бо масоҳати 400 гектар мавҷуд буда ва якчанд ниҳолхонаҳои хурд дар майдони 40 гектар доман паҳн кардааст, ки солона 2–3 миллион ниҳол, асосан дарахтони мевадиҳанда парвариш карда мешавад. Ҷамоатҳои маҳаллӣ ба ҷангалҳо ва чарогоҳҳое, ки аз ҷониби корхонаҳои ҷангал идора карда мешаванд, дастрасӣ доранд. Сокиноне, ки дар наздикии мамнӯъгоҳҳои табиии Чилдухтарон ва Даштиҷум ва хоҷагиҳои ҷангал дар ҷануби Тоҷикистон зиндагӣ мекунанд, барои ҷамъоварии писта, бодом, гиёҳҳои шифобахш ва дигар маҳсулот шартнома мебанданд. Вобаста ба шартнома, сокинон аз 30% то 70% маҳсулоти ҷамъовардашудаи худро ба хадамоти ҷангал месупоранд ва метавонанд қитъаҳои боғҳо ва чарогоҳҳоро ба иҷора гиранд.

Дар Туркманистон, ҳукумат барномаҳои барқарор кардани популятсия ва барқарор кардани намудҳоро тавассути марказҳои ҳифзи табиат, ба монанди мамнӯъгоҳи табиии Ахал дастгирӣ мекунад. Шинондани дарахтон ва барқарорсозии ҷангалҳо дар доираи Барномаи давлатии ҷангал амалӣ карда мешавад.

## 2. Таҳдидҳо ба гуногунии биологӣ

Шикори ғайриқонунӣ, дом андохтан ва сайд кардани ҳайвоноти ваҳшӣ барои мавҷудияти онҳо таҳдид мекунад. Ҳанӯз 20-30 сол пеш, шикори ғайриқонунӣ яке аз сабабҳои асосии коҳиши шумораи ширхӯрони калон ба ҳисоб мерафт.

Дар ҳоле, ки шумораи популятсияи ин намудҳо вобаста ба шароити обу ҳаво, муҳоҷирати табиӣ ва баҳисобгирӣ метавонад сол аз сол фарқ намояд, мисолҳои дар зер овардашуда нишондиҳандаи тағйироти назаррас мебошанд. Бузи морхур (бузи пармашох), ки дар минтақаи санглохи «Даштиҷум»дар марзи Тоҷикистон ва Афғонистон сукунат мекунад, дар солҳои 1990-ум 200–400 нафарро ташкил медод (тибқи омор, аз шумораи умумии 1000–1400 сар дар кишвар), ба замимаи CITES ворид гардидааст. Айни замон, шумораи морхур то 4000–6000 нафар афзоиш ёфтааст. Дар кӯҳҳои Койтентаги Туркманистон, шумораи бузи морхӯр аз 300–400 то 1400 нафар афзоиш ёфтааст. Дар кӯҳҳои Помири Тоҷикистон, ки бо Чин ва Афғонистон ҳамсарҳад аст, шумораи гӯсфандони архари помирӣ дар аввали солҳои 2000-ум 5 000–10 000 сар ҳисоб мешуд (мувофиқи маълумотҳои Стратегияи миллии гуногунии биологии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Нақшаи амали байналмилалии архарҳо), аммо айни замон то 25 000–29 000 нафар афзоиш ёфтааст. Бабри барфӣ намуди нодир аст, ки мушоҳида кардани он душвор аст. Тибқи ҳисобҳои консервативӣ, ки дар омори Тоҷикистон оварда шудаанд, шумораи онҳо соли 1991-ум 70 сар буд, ки дар давраи охир 130 сар афзоиш ёфтааст. Аммо, олимон бар он назаранд, ки шумораи бабри барфӣ хеле зиёд буда, то ба 300–400 сар расидааст. Тибқи маълумотҳои оморӣ шумораи хирси малла дар Тоҷикистон аз 400 то 800 ё бештар аз он афзоиш ёфтааст.

### Таҳдидҳои маҳаллӣ ба намудҳо ва экосистемаҳо



Баъзе намудҳои парандаҳо, аз ҷумла, боз, шоҳин ва саъбаи сарсафед барои сайд ва содирот ба хориҷа ҳадаф қарор гирифтанд. Айни замон, ба шарофати мораторияи шикор дар Туркманистон ва Ӯзбекистон, инчунин назорат, ҷаримабандӣ ва чораҳои барқарорсозӣ дар Тоҷикистон, популятсияи ин намудҳои нодир барқарор шудааст.

Бо вуҷуди тадбирандешӣ, таҳдидҳои дигари экологӣ дар сатҳи маҳаллӣ низ вуҷуд доранд. Масалан, рушди сайёҳӣ ва истеъмол боиси афзоиши партовҳо ва олудагиҳо дар табиат мегардад. Дар деҳоти Тоҷикистон ҷамъоварии партовҳо қариб, ки вуҷуд надорад. Дар шаҳрҳо, ба шарофати лоиҳаҳои ҷамъоварӣ ва нобудсозии партовҳо вазъ беҳтар аст, аммо коркарди такрорӣ дар сатҳи паст қарор дорад. Дар Ӯзбекистон, ки кишвари сераҳолитарини Осиёи Марказӣ аст, ҷамъоварӣ, коркарди партовҳо ва коҳиш додани партовҳои ғайриқонунӣ аз масъалаҳои муҳим мебошанд.

Буриши буттаҳо ва дарахтон яке аз мушкилиҳои ба таври васеъ паҳншудаи экологӣ дар маҳалҳо аст. Майдонҳои асосии ҷангалҳои кӯҳӣ ва биёбонӣ таҳти ҳимояи давлат қарор доранд, аммо дар деҳот, шаҳрҳо ва навоҳии дурдаст, аз ҷумла биёбонҳо, буриши ғайриқонунии буттаҳо ва ҷамъоварии онҳо ба мушоҳида мерасад.

Масалан, дар ноҳияи Мурғоби Тоҷикистон воқеъ дар Помири шарқӣ, ҷамъоварии терескен боиси харобшавии чарогоҳҳои биёбонӣ мегардад. Бо вуҷуди рушди бахши гидроэнергетикаи кишвар, афзоиши босуръати аҳолӣ ва иқтисод, бо қатъ ёфтани нерӯи барқ ва норасоии он, бахусус дар моҳҳои сарди зимистон ҳамроҳ мешавад. Сокинони деҳоти Тоҷикистон маҷбуранд, ки ҳезум, пору (таппак) ва буттаҳоро ҳамчун сӯзишворӣ истифода баранд. Дар айни замон, манъи буридани дарахтон дар минтақаҳои сераҳолӣ, дар якҷоягӣ бо бунёди ҷангал, фишорро ба ҷангалҳо коҳиш медиҳад.

Дар Туркманистон саксаул — гиёҳи асосии ҷангалҳои биёбонӣ аст. Қаблан, он аз ҷониби сокинони маҳаллӣ дар минтақаҳое, ки бо гази табиӣ таъмин набуданд, бурида мешуд. Чораҳои манъкунанда самараи дилхоҳ намедоданд. Ҳукумат минтақаҳои аҳолинишинро бо газ таъмин карданд, аз ин рӯ, буридани саксаул дигар мушкил эҷод намекунад ва ба шарофати талошҳои барқарорсозӣ, пӯшиши ҷангал афзоиш меёбад.

Чаронидани аз меъёр зиёди чорво дар ҷангалҳо (заминҳои хоҷагии ҷангал) ва боғҳои миллӣ ба табиати вуҳуш зарари ҷиддӣ мерасонад. Нархи паст барои истифодаи чарогоҳҳо (35 сомонӣ/3.50 доллар барои як гектар дар ҷануби Тоҷикистон) бо назорати суст ва набудани меъёрҳои чаронидани чорво боиси харобшавии замин ва нобудшавии намудҳои растаниҳои шифобахш ва эндемикӣ мегардад.

Растаниҳои нодире, ки ба Китоби Сурх ворид шудаанд, ба монанди лола (Регел, Веденский, ҳисорӣ ва туркистонӣ), эремуруси Алберт, пиёзи Ошанин, ирис Нарбута ва Шахсабзак ва ғ.-ро дар бозорҳо ва канори роҳҳои минтақаҳои ҷанубии Осиёи Марказӣ метавон пайдо кард. Одамон камол (ферула) ва бойчечакро бо вуҷуди манъ будани ҷамъоварӣ ва фурӯши беназорати ин растаниҳо, барои фурӯш ҷамъ мекунанд. Ҷамъоварии оммавии чукрӣ барои истеъмол ва фурӯш ба ҳифзу нигоҳдории он дар якчанд минтақаҳои Тоҷикистон таҳдид мекунад. Дар посух ба ин таҳдид, Агентии хоҷагии ҷангали Тоҷикистон соли 2017 системаи квота ва иҷозатномадиҳиро ҷорӣ кард. Барои танзими ҷамъоварии растаниҳои шифобахш ва ҳавасмандгардонии коркарди дохилии онҳо, Ҳукумати Тоҷикистон барои ду намуд дар соли 2025 квота муқаррар кардааст: 80 тонна шираи камол (ферула) ва 1000 тонна решаи ширинбия.

Аксар вақт кӯдакон ва наврасон дар байни ҷамъоварандагон вомехӯранд, ки ҷарима кардани онҳо душвор аст. Маърифат ва огоҳии экологӣ аҳамияти калон дорад — ҳар қадар талабот камтар ва сатҳи огоҳиву фарҳанги экологӣ баландтар бошад, ҷамъоварӣ ва тиҷорати намудҳо камтар ва таҳдидҳо низ ба табиат камтар ба мушоҳида мерасад. Барои коҳиш додани қонунвайронкуниҳо, баргузор кардани чорабиниҳои иттилоотӣ бо аҳолӣ муҳиманд.

## Таҳдидҳои васеъмиқёс ба намудҳо ва экосистемаҳо




Ба таҳдидҳои маҳаллӣ мушкилот ва бӯҳронҳои миқёси калонтар, аз қабили тағйирёбии иқлим ва ҳодисаҳои шадиди обу ҳаво (мавҷҳои гармӣ, хушксолӣ, селҳо), ифлосшавии муҳити зист, камшавӣ ва норасоии захираҳои об зам гашта, парокандашавӣ ва аз даст додани макони зисти парандаҳо ва ҳайвонот, инчунин намудҳои инвазивӣ (бегона)-и растанӣ ва ҳайвонот, ки ба намудҳо ва экосистемаҳои маҳаллӣ таҳдид мекунанд, мураккабтар мешаванд.

Рушди  савдо ва лоиҳаҳои тиҷоратӣ бидуни чораҳои муносиби биологӣ ва огоҳии шаҳрвандон ба интиқол ва паҳншавии намудҳои бегона ва ҳашароти зараррасони кишоварзӣ мусоидат мекунад. Экосистемаҳои обӣ аз намудҳои бегона бештар зарар мебинанд. Баъзан соҳибкорон намудҳои нави моҳӣ ё растаниро бо ворид кардан муаррифӣ менамоянд, ки баъдан онҳо метавонанд ба таври васеъ дар муҳит паҳн шуда, ҷои намудҳои ватаниро ишғол кунанд. Бо намудҳои воридотӣ инчунин ҳашароти зараррасон метавонанд ворид гарданд.

Малах ва дигар ҳашароти зараррасони кишоварзӣ аксар вақт аз Афғонистон ба минтақаҳои марзии Осиёи Марказӣ ҳамла мекунанд. Дар шимоли Афғонистон ҳамлаи малах ба зироатҳо ва амнияти озуқаворӣ таҳдид мекунад. Мушкилот аз сабаби набудани коркарди агрокимиёвӣ ва маблағгузории нокифоя барои назорат ва мубориза бо малах боз ҳам шадидтар мешавад. Дар солҳои охир кишварҳои ҳамсоя ҳамкориро дар самти мубориза бо малах тақвият додаанд: мутахассисони туркман аз Тоҷикистон боздид намуданд, мутахассиони Ӯзбекистон ва

Тоҷикистон бошанд ба таври муштарак мониторинг ва мубориза бо малахро анҷом медиҳанд.

Соҳаи кишоварзӣ дар ҷануби Осиёи Марказӣ аз оби умумии ҷамъшуда 90%-ро истифода мекунад. Об асосан барои обёрӣ истифода мешавад, аммо талафот дар каналҳо ва саҳроҳо ба 50% мерасад. Пас аз обёрӣ, обҳои заҳбурҳо, ки бо намак ва нуриҳо олуда шудааст, ба муҳити табиӣ бармегарданд. Манбаи дигари ифлосшавӣ обпартовҳо ва партовҳои ба дарёҳо рехташуда мебошанд. Обанборҳои танзимшаванда (сарбандҳо, каналҳо) метавонанд ба ҷангалҳои зериобшаванда ва маконҳои зисти парандаҳо ва моҳиҳо таъсири манфӣ расонанд. Татбиқи технологияҳои сарфаи об, иншооти обтозакунӣ, беҳбудбахшии каналҳо, нигоҳдорӣ ва баҳисобгирии истифодаи об ва риояи қоидаҳои минтақаҳои ҳифзи об дар муҳофизати намудҳои обӣ ва экосистемаҳо нақши калидӣ мебозанд.

Монеаҳо дар марзҳо, шафати роҳҳо ва дигар инфрасохторҳо, инчунин деворбандӣ ё хандақҳо дар атрофи чарогоҳҳо ва заминҳои кишоварзӣ, ба монанди сарбандҳо метавонанд ба муҳоҷирати намудҳо таъсири манфӣ расонанд. Ин монеаҳо популятсияи ҳайвонотро аз ҳам ҷудо мекунанд, ҷустуҷӯи хӯрок ва обро душвор мегардонанд, боиси коҳиши намудҳо, ҳангоми убур аз монеаҳо (масалан, деворҳои симхордор) сабаби фавт мегарданд. Рушди босуръати сайёҳӣ метавонад ба азхудкунии соҳилҳои дарёҳо боис гардад, ҷангалҳои обӣ ва нишебиҳои кӯҳҳо, инчунин афзоиши якбораи шумораи бинандагон ба боғҳои миллӣ шавад, ки ин дар навбати худ ба зиёдшавии миқдори партовҳо боис гардида ва ба нобудшавии намудҳо хатар эҷод мекунад



# 3. Ҷамъоварӣ ва тиҷорати ғайриқонунии намудҳо

Қочоқ ва тиҷорати ғайриқонунии намудҳои ҳайвонот ва растаниҳо дар Осиёи Марказӣ ба табиат хатар эҷод менамояд. Шикори ғайриқонунии намудҳои ҳайвонот ва ҷамъоварии растаниҳои нодир ва зери хатари нобудшавӣ қарордошта мувозинати экологиро халалдор мекунад ва шумораи онҳоро коҳиш медиҳад, чунон ки қаблан бо бабри барфӣ, архар ва шоҳин рух дода буд. Тибқи гузориши мақомоти Ӯзбекистон дар тӯли 20 соли охир хадамоти гумрук 248 кӯшиши воридот ё содироти 28,804 ҳайвоноти зинда ва маҳсулотро сабт кардаанд. Аз ин шумора, 198 ҳолат ба воридоти сутунмӯҳраҳо, аз ҷумла 27 намуде, ки ба Китоби Сурх ва замимаҳои Конвенсияи CITES ворид шудаанд, бахусус марбут ба хазандагон, паррандаҳо ва ширхӯрон ҳастанд. Ба намудҳое, ки ғайриқонунӣ аз Ӯзбекистон ба Қазоқистон содир карда мешаванд, сангпушти осиёимиёнагӣ, сайгак ва шоҳин дохил мешаванд.

Рушди тиҷорат дар фазои маҷозӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ барои дастрасии бештар ва номаълум гаштани тиҷорати ҳайвонот ва растаниҳои ёбоӣ мусоидат намуд. Эълонҳо оид ба фурӯши намудҳои нодири экзотикии парандаҳо, хазандагон ва ширхӯрон дар пойгоҳҳои тиҷорати маҷозӣ (онлайн) ва барномаҳои паёмрасонӣ (мессенҷерҳо) пайдо мешаванд. Ба Ӯзбекистон ба таври ғайриқонунӣ хамелеонҳо, тимсоҳҳо, питонҳо, боаҳо ва гурбаҳои калон ворид карда мешаванд.

Маълумотҳо дар бораи қочоқи намудҳо аз Тоҷикистон ва Туркманистон нокифоя ҳастанд. Амалҳои ғайриқонунӣ нисбат ба истифодабарии наботот ва ҳайвонот аз ҷониби мақомоти ҳифзи муҳити зист ва хоҷагии ҷангал дар маҳал назорат бурда мешавад. Масалан, дар ноҳияи Ҳамадонӣ дар ҷануби Тоҷикистон, ки бо Афғонистон ҳаммарз аст, дар нӯҳ моҳи аввали соли 2025



## Қочоқ ва тиҷорати ғайриқонунии байналмилалии намудҳо ҳамчун таҳдид




сокинон ва корхонаҳо тақрибан 100 ҷаримабандӣ шудааст, аз ҷумла 20 ҷарима барои ҷиноятҳои марбут ба растанӣ, 10 ҷарима барои ҳайвоноти ваҳшӣ ва 10 ҷарима барои моҳидорӣ.

Конвенсия доир ба савдои байналмилалии намудҳои зери хатари нобудшавӣ қарордоштаи фауна ва флораи ваҳшӣ (CITES) соли 1973 ба имзо расида, соли 1975 эътибор пайдо кардааст. Конвенсия кафолат медиҳад, ки тиҷорати байналмилалии ҳайвонот ва растаниҳои ваҳшӣ ба зинда мондани онҳо таҳдид эҷод намекунад. Риояи муқаррароти конвенсия барои ҳамаи давлатҳои имзокунанда ҳатмӣ аст. Кишварҳои ҷанубии Осиёи Марказӣ- Ӯзбекистон аз соли 1997, Тоҷикистон аз соли 2015 ва Туркманистон аз соли 2024 аъзои ин конвенсия мебошанд.

Дар солҳои 2023–2025, кишварҳои Осиёи Марказӣ ба баррасӣ ва навсозии ҳадафҳо ва стратегияҳои миллӣ оид ба гуногунии биологӣ барои солҳои 2030–2050, ки чораҳои мутобиқ ба CITES-ро дар бар мегиранд, шурӯъ карданд.

Конвенсияи CITES на танҳо савдои намудҳои зинда, балки қисмҳои онҳо ва ҳосилаҳои (маҳсулоти аз ҳайвонот ва растанӣ рӯида) онҳоро низ танзим мекунад. Ҷиҳати пешгирии ҷамъоварӣ, шикор, тиҷорат ва содироти ғайриқонунӣ мақомоти ҳифзи муҳити зист (иҷозатномаҳо), олимон ва академияи илмҳо (асосҳои илмӣ ва гузоришҳо), гумрук ва марзбонҳо (назорати сарҳадӣ), Вазорати корҳои дохилӣ (тафтишот), ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ВАО иштирок мекунанд.

## Тадбирҳо ва равишҳо барои ҳифзи намудҳо ва иҷрои Конвенсияи CITES



Назорати экологӣ, нозирот ва полис



Мақоми миллии амалисозии CITES



Қонунҳо дар бораи олами наботот ва ҳайвонот, қоидаҳо ва иҷозатномаҳои шикор, иҷозатномаҳо, стратегияи миллӣ на нақшаи амал оид ба гуногунии биологӣ



Мақоми миллӣ оид ба масъалаҳои илмии CITES



Китоби сурх

Механизми амалигардонии Конвенсияи CITES дар он зоҳир меёбад, ки тиҷорати байналмилалии намудҳои муайян тавассути назорати мушаххас танзим карда мешавад. Ҳама гуна воридот, содирот, содироти такрорӣ ва воридоти намудҳои фарогирифташудаи Конвенсия бояд тавассути системаи иҷозатномадиҳӣ ба амал бароварда шаванд. Ҳар як Тарафи Конвенсия вазифадор аст, ки як ё якчанд мақомоти маъмуриро, ки масъули идоракунии ин низоми иҷозатномадиҳӣ мебошанд, инчунин як ё якчанд муассисаҳои илмиро, ки масъули арзёбии таъсири тиҷорат ба вазъи ин намуд мебошанд, таъин намояд.

Барои мубориза бо қонуншиканиҳо ва пешгирии ҷиноятҳои экологӣ асосан усулҳои анъанавӣ – санҷишҳо ва рейдҳои мақомоти ҳифзи муҳити зист истифода мешаванд. Ҳадамоти гумрук ва марзбонҳо инчунин дар мубориза бо тиҷорати ғайриқонунӣ ва қочоқи намудҳо иштирок мекунанд. Дониши онҳо дар бораи механизмҳои CITES ва дастрасӣ ба пойгоҳҳои додаҳои намудҳо ва китобҳои сурх барои ошкор кардани ҷиноятҳо мусоидат менамояд. Дар ошкор кардани қочоқ сагҳои бӯйгир нақши калидӣ мебозанд. Технологияҳои нав таҳлили ДНК ва изи ангушт, аксбардории инфрасурх ва мониторинги дронҳо ва моҳвораҳоро дар бар мегиранд.

Илова бар Конвенсияи CITES, намудҳое, ки ба Китоби Сурхи кишвар ворид шудаанд, аз ҷониби давлат ҳифз карда мешаванд. Китоби Сурх василаи муҳим барои ҳифзи табиат ва истифодаи устувори захираҳои табиӣ дар Осиёи Марказӣ мебошад. Намудҳо ба якчанд категория тақсим мешаванд: азбайнрафта (EX), нобудшуда дар табиат (EW), зери хатари маҳвшавӣ (CR), хатари нобудшавӣ таҳдид мекунад (EN) ва осебпазир (VU). Барои вайрон кардани қонунҳо ва қоидаҳо, инчунин ҷамъоварӣ, сайд ва шикори ғайриқонунии намудҳое, ки дар Китоби Сурх номбар шудаанд, ҷаримаҳо ва дар баъзе мавридҳо ҷазоҳои ҷиноӣ татбиқ карда мешаванд.

## CITES чист?

### *Конвенсия оид ба савдои байналмилалии намудҳои ҳайвоноти ваҳшӣ ва набототи ёбоии зери хатари нобудшавӣ қарордошта*

**Ҳадаф —**
кафолат додани он аст, ки тиҷорати байналмилалии ҳайвонот ва наботот ба зинда мондани онҳо таҳдид намекунад

Санаи ба имзо расидан:
**3 марти соли 1973**

Ҳамроҳ шудан:
**185 кишвар**

Барои зиёда аз **40 000** намуди ҳайвонот ва растаниҳо дараҷаҳои гуногуни муҳофизатро пешниҳод мекунад

CITES COP20 SAMARKAND 2025 UZBEKISTAN

Аз 24 ноябр то 5 декабри соли 2025 дар Самарқанд ҷаласаи 20-уми Конфронси тарафҳо (COP20) Конвенсияи CITES баргузор мешавад



Панҷоҳ сол пеш, моҳи июли соли 1975, Конвенсия дар бораи тиҷорати байналмилалии намудҳои зери хатари нобудшавӣ қарордоштаи фауна ва набототи ваҳшӣ (CITES) эътибор пайдо кард. Замимаҳои конвенсияи CITES намудҳои ҳайвоноту растаниҳо, инчунин ҷораҳои назоратиро, ки ба тиҷорати байналмилалӣ татбиқ мешаванд, дарбар мегирад, ки вобаста ба сатҳи таҳдид фарқ мекунанд. Замимаи I CITES намудҳои ҳайвонот ва растаниҳоеро дар бар мегирад, ки зери хатари нобудшавӣ қарор доранд. Савдои тиҷоратии ин намудҳо манъ аст, ба истиснои намунаҳои насли дуюм, ки дар муассисаҳои зотпарварии дар рӯихати Котиботи CITES ба қайд гирифташуда, парвариш карда мешаванд. Барои воридот ва содироти намудҳои CITES Замимаи I ҳам иҷозатномаи содирот ва ҳам воридоти CITES талаб карда мешавад. Замимаи II CITES намудҳоеро дар бар мегирад, ки айни замон зери хатари нобудшавӣ қарор надоранд, аммо агар тиҷорат бо ин намудҳо танзим карда нашавад, метавонанд зери хатар қарор гиранд. Барои содироти намудҳои CITES Замимаи II гирифтани иҷозатномаи содироти CITES зарур аст. Замимаи III CITES намудҳоеро дар бар мегирад, ки аз ҷониби ягон Тарафи CITES муайян карда шудаанд, ки дар доираи салоҳияти он танзим карда мешаванд ва барои онҳо ҳамкории дигар Тарафҳои CITES талаб карда мешавад.Барои содироти намудҳои CITES Замимаи III гирифтани шаҳодатнома дар бораи пайдошавӣ зарур аст. Сомонаи интернетии Конвенсия иттилоъ дар бораи рӯйхати намудҳо, маълумот дар бораи воридот ва содиротро пешниҳод намуда ва ҳамчун абзоре барои гузориш додани тиҷорати ғайриқонунӣ хизмат мекунад. Ҷумҳурии Ӯзбекистон соли 2025 Конфронси 20-уми Тарафҳои Конвенсияи CITES-ро мизбонӣ хоҳад кард.

## Маълумоти мухтасар доир ба кишварҳо

Дар **Тоҷикистон** Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (мақомоти маъмурӣ) масъули мониторинги муҳити зист ва татбиқи Конвенсияи CITES мебошад. Маркази миллии гуногунии биологӣ ва бехатарии биологӣ ҳамчун мақоми илмӣ амал мекунад. Тобистони соли 2025, Тоҷикистон нашри сеюми Китоби Сурхи худро нашр кард, ки 304 намуди растанӣ ва 242 намуди ҳайвонотро дар бар мегирад.

Дар кишвар қонунҳо, стратегияҳо ва барномаҳо оид ба ҳифзи муҳити зист, аз ҷумла оид ба масъалаҳои истифода, барқарорсозӣ ва ҳифзи олами набототу ҳайвонот, ҷангалҳо ва чарогоҳҳо қабул шудаанд:

- ✓ Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» аз 21 июли соли 2011 (бо иловаи тағйиротҳои солҳои 2014–2024);
- ✓ Кодекси ҷангали ҶТ аз 2 августи соли 2011;
- ✓ Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифз ва истифодаи олами наботот» аз 30 июли соли 2007;
- ✓ Қонуни ҶТ «Дар бораи олами ҳайвонот» аз 5 январи соли 2008 (бо иловаи тағйиротҳои солҳои 2022 ва 2025);
- ✓ Қонуни ҶТ«Дар бораи маърифати экологӣ» аз 29 декабри соли 2010;
- ✓ Қонуни ҶТ «Дар бораи ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ ва истифодабарии оқилонаи захираҳои генетикии набототи корам» аз 13 июни соли 2012;
- ✓ Қонуни ҶТ «Дар бораи занбӯрпарварӣ» аз 15 феврали соли 2012;
- ✓ Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагӣ ва истеҳсолоти биологӣ» аз 4 апрели соли 2019;
- ✓ Қонуни ҶТ «Дар бораи шикор ва хоҷагии шикор» аз 4 июни соли 2014;
- ✓ Қонуни ҶТ «Дар бораи бехатарии биологӣ ва амнияти биологӣ» аз 29 январи соли 2021;
- ✓ Қонуни ҶТ «Дар бораи захираҳои генетикӣ» аз 18 марти соли 2022;
- ✓ Қонуни ҶТ «Дар бораи моҳипарварӣ, моҳидорӣ ва ҳифзи захираҳои моҳӣ» аз 19 июли соли 2022;
- ✓ Низомнома дар бораи Китоби Сурх, Қарори Ҳукумати ҶТ аз 2 августи соли 2010;
- ✓ Стратегияи миллии рушди ҶТ то соли 2030;
- ✓ Стратегияи миллии рушди иқтисоди «сабз»-и ҶТ барои солҳои 2023–2037;
- ✓ Барномаи давлатии ҳифзи бабри барфӣ дар ҶТ барои солҳои 2024–2028;
- ✓ Барномаи давлатии кабудизоркунии ҶТто соли 2040;
- ✓ Барномаи давлатии маҷмӯии рушди тарбия ва маърифати экологии аҳолии ҶТ барои солҳои 2021–2025.

Рақами телефони «Боварӣ»-и Кумитаи ҳифзи муҳити зист дар сурати вайрон кардани қоидаҳои экологӣ +992 77 716 22 75 ҳамеша фаъол аст.

Дар **Туркманистон** назорати экологӣ аз ҷониби Вазорати ҳифзи муҳити зист анҷом дода мешавад. Кишвар ба наздикӣ ба Конвенсияи CITES ҳамроҳ шуд ва ҳанӯз системаи ҳамоҳангсозӣ, иҷозатдиҳӣ ва гузоришдиҳиро таъсис надодааст. Нашри 4-уми таҷдидшудаи Китоби Сурхи Туркманистон соли 2024 аз чоп баромад, ки дар он 121 намуди растанӣ ва 145 намуди ҳайвонот ворид шудаанд.

Дар кишвар қонунҳо, стратегияҳо ва барномаҳо оид ба ҳифзи муҳити зист, аз ҷумла оид ба масъалаҳои истифодабарӣ, барқарорсозӣ ва ҳифзи олами набототу ҳайвонот қабул шудаанд:

- ✓ Қонуни Туркманистон «Дар бораи ҳифзи табиат» аз 1 марти соли 2014;
- ✓ Қонуни Туркманистон «Дар бораи ҳифз ва истифодаи оқилонаи олами ҳайвонот» аз 12 июни соли 1997;
- ✓ Қонуни Туркманистон «Дар бораи ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои генетикии растаниҳои киштшуда» аз 4 феврали соли 2017;
- ✓ Қонуни Туркманистон «Дар бораи шикор ва ҳифзи захираҳои шикор» аз 18 декабри соли 2021 (шикор дар Туркманистон аз соли 2018 манъ гардидааст);
- ✓ Низомнома дар бораи Китоби Сурхи Туркманистон аз 25 марти соли 1997;
- ✓ Стратегияи миллии Туркманистон оид ба ҳифзи гуногунии биологӣ барои солҳои 2018–2023.

Соли 2024 Вазорати ҳифзи муҳити зист қоидаҳои нави шикор, аз ҷумла вақт, макон, усулҳо ва меъёрҳои шикори ҳайвоноти ваҳширо тасдиқ кард. Тибқи низомнома, аъзои Ҷамъияти шикорчиён ва моҳигирони Туркманистон, ки дорои ҳуҷҷат ҳастанд,

инчунин афроде, ки иҷозатномаи мавсимии шикор ё иҷозатномаи якдафъаинаи пулакӣ гирифтаанд, ҳаққи шикор карданро доранд.

Дар Туркманистон дар доираи Барномаи миллии хоҷагии ҷангал оид ба тавсеа ёфтани майдони ҷангалзорҳо корҳо ҷараён доранд. Аз соли 1998 то 2024-ум, дар майдони 227 000 гектар кабудизокунӣ сурат гирифта, 162 миллион ниҳол шинонида шудааст.

Рақамҳои «телефони боварӣ» барои вайрон кардани қоидаҳои экологӣ: Вазорати ҳифзи муҳити зисти Туркманистон — 447485, Ҷамъияти ҳифзи табиати Туркманистон — 931727.

Дар **Ӯзбекистон** масъули назорати муҳити зист ба дӯши Вазорати экология, ҳифзи муҳити зист ва тағйирёбии иқлими Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ки ҳамчун мақоми маъмурии CITES мебошад, вогузор шудааст. Мақоми илмии CITES-ро Институтҳои зоология ва ботаникаи Академияи илмҳо намояндагӣ мекунанд, ки оид ба ҷанбаҳои илмӣ тавсияҳо пешнгиҳод мекунанд. Нашри нави Китоби Сурх то охири соли 2025 ба нақша гирифта шудааст. Ба нусхаи пешина, ки соли 2019 ба нашр расида буд, 314 намуди растанӣ ва 209 намуди ҳайвонот ворид гардидааст.

Дар кишвар қонунҳо, стратегияҳо ва барномаҳо оид ба ҳифзи муҳити зист, аз ҷумла истифодабарӣ, барқарорсозӣ ва ҳифзи олами набототу ҳайвонот қабул шудаанд. Аз ҷумла:
- ✓ Қонуни ҶӮз «Дар бораи ҳифзи табиат»аз 9 декабри соли 1992;
- ✓ Қонуни ҶӮз «Дар бораи ҳифз ва истифодаи олами ҳайвонот» аз 26 декабри соли 1997;
- ✓ Қонуни ҶӮз «Дар бораи шикор ва хоҷагии шикор» аз 19 майи соли 2020;
- ✓ Қонуни ҶӮз «Дар бораи ҳифзи растаниҳо» аз 9 ноябри соли 2023;
- ✓ Қарори Девони Вазирони ҶӮз аз 5 ноябри соли 2024 «Дар бораи чораҳои беҳтар кардани тартиби ҳифзи ҳайвоноти ваҳшӣ», аз ҷумла манъи нигоҳ доштани ҳайвоноти ваҳшӣ аз ҷониби шахсони алоҳида дар шароити нимозод, дар маконҳои зисти сунъӣ сохташуда;
- ✓ Қарори Девони Вазирони ҶӮз аз 12 сентябри соли 2024, аз ҷумла муайян кардани мораторияи истихроҷи маводҳои ғайримаъданӣ дар маҷрои дарёҳо;
- ✓ Фармони Президенти ҶӮз «Дар бораи чораҳои танзими истихроҷи маводҳои ғайримаъданӣ дар обанборҳо» аз 17 январи соли 2024;
- ✓ Қарори Девони Вазирони ҶӮз аз 20 октябри соли 2014 «Дар бораи танзими истифодаи захираҳои биологӣ ва тартиби гузаштани расмиёти иҷозатдиҳӣ дар соҳаи идоракунии табиат»;
- ✓ Низомнома «Дар бораи тартиби татбиқи чораҳои биотехникӣ оид ба ҳифз ва истифодаи оқилонаи олами ҳайвонот», ки аз ҷониби Ҳукумати ҶӮз аз 22 январи соли 2025 тасдиқ шудааст;
- ✓ Низомнома дар бораи Китоби Сурхи ҶӮз аз 19 декабри соли 2018.

Дар назди Вазорати экология «хати телефони боварӣ» (1157) ба таври шабонарӯзӣ ва шабакаи расмии Telegram фаъол ҳастанд, ки тавассути он шаҳрвандон метавонанд дар бораи қонуншиканиҳои экологӣ хабар диҳанд: t.me/ecogovuz_bot. Барномаи мобилии «Econazorat» барои кӯмак дар назорати риояи қонунгузории экологӣ таҳия шудааст.

Дар Ӯзбекистон, пойгоҳи онлайнии «Гумруки сабз» (yashiltamojnya.uz) амал мекунад, ки барои оҷилан муайян кардани намудҳои ҳайвонот ва растаниҳо ва тасдиқи мавҷудияти иҷозатномаҳо кӯмак мерасонад. Ин пойгоҳ дар доираи лоиҳаи «Тақвияти иқтидор ва кӯмак дар мубориза бо ҷиноятҳои ҳайвоноти ваҳшӣ дар Осиёи Марказӣ» таҳия шудааст ва аз ҷониби Маркази захираҳои экологӣ бо иштироки Институти зоологияи Академияи илмҳо ва Вазорати экология амалӣ карда мешавад.

Шӯъбаҳои тадқиқотии мамнӯъгоҳҳо ва боғҳои миллӣ, инчунин созмонҳои ғайриҳукуматии экологӣ мунтазам барои сокиноне, ки дар наздикии минтақаҳои ҳифзшаванда зиндагӣ мекунанд ва ҷавонон маърифати экологӣ мегузаронанд. Дӯстдорони парандаҳо аксҳо ва мушоҳидаҳоро дар вебсайти Birds.uz мегузоранд. Блогерҳо ва рӯзноманигорони экологӣ мақолаҳо нашр мекунанд. Дар давоми маъракаҳои экологӣ, иштирокчиён на танҳо ба лексияҳо гӯш медиҳанд, балки инчунин ба омӯзиши муҳити табиӣ ва барқарорсозии он, масалан, бо барқарорсозии ҷангалҳо, тоза кардани партовҳо ва раҳо кардани сангпуштҳои мусодирашудаи Осиёи Марказӣ ба табиат фаъолона машғул мешаванд.

# 4. Қарорҳо ва тавсияҳо

Ҳифзи муҳити зист иштирок ва ҷалби ҷомеаҳои маҳаллӣ, аз ҷумла иштирок дар ташаббусҳои экологӣ, истеъмоли масъулиятнок ва баланд бардоштани огоҳии экологиро талаб мекунад. Шаҳрвандон метавонанд дар ҳифзи муҳити зист тавассути ҷудо кардани партовҳо, кам кардани истеъмоли об, иштирок дар рӯзҳои тозакунӣ ва чорабиниҳои хидматрасонии ҷамъиятӣ, интихоби маҳсулоти экологӣ ва ҳамроҳ шудан ба ҳаракатҳо, маъракаҳо ва ҷашнҳои экологӣ нақши пешбарро дошта бошанд.

Бо ташаббуси ҷониби Тоҷикистон, Рӯзи байналмилалии морхур (24 май) таъсис дода шуд. Дар Туркманистон ҳамасола дар моҳи апрел ба ифтихори зоти ахалтекинӣ «Рӯзи аспи туркманӣ» ва дар моҳи август «Рӯзи харбузаи туркманӣ» ҷашн гирифта мешавад. Ӯзбекистон Рӯзи ҷаҳонии муҳити зистро (5 июн) бо иштироки мақомоти давлатӣ ва созмонҳои ҷамъиятӣ ҷашн мегирад ва дар саросари кишвар барнома ва маъракаи бузурги «Яшил Макон» (Фазои сабз) гузаронида мешавад.

## Ҷалби аҳолӣ ба ҳифзи табиат






## Чӣ гуна шаҳрвандон метавонанд дар ҳифзи табиат иштирок кунанд?



Даст кашидан аз фамоиш ва харидори намудани ҳайвонот, наботот ва маҳсулоти аз онҳо истеҳсолшудаи аҷибу ғариб




Гирифтани дархост аз мақомоти давлатии экологӣ барои истифодаи захираҳои табиӣ



Риоя намудани тартиботи иҷозатномаҳо барои ҷамъоварии растанӣ ва шикор



Дар сурати вайрон кардани қойдаҳоиэкологӣ ошкори он танқид ва танбеҳ додани ҳамватанон



Ҳангоми ошкор кардани ҷамъоварии ғайриқонунӣ, интиқол ва савдои намудҳо ба мақомоти давлатӣ хабар диҳед



Напартофтани партов



Нигоҳ доштани захираҳои оби



Дар табиат оташ надодан



Истифодабарии самараноки чарогоҳҳо, дасткашидан аз чаронидани бемеъёри чорво



Дарахт шинонӣ

Шаҳрвандон метавонанд дар чораандешӣ нисбати ҳифзи муҳити зист бо риояи қоидаҳои одӣ дар ҳаёти ҳаррӯзаи худ (сарфаи захираҳо, ҷудо кардани партовҳо), иштирок дар маъракаҳои экологӣ (шанбегиҳо, бунёди ҷангал), бо пайвастан ба созмонҳои ҷамъиятӣ ва пешниҳоди ташаббусҳо ва мурочиатҳо ба мақомоти давлатӣ саҳм гузоранд.

Гулхан наафрӯхтан дар табиат, напартофтани партовҳо, ҳифзи захираҳои об ва шинондани дарахтон қадамҳои одӣ ва муҳиме мебошанд, ки ҳар як шаҳрванд метавонад анҷом диҳад. Дар бораи ҷамъоварӣ, интиқол ва тиҷорати ғайриқонунии намудҳо метавон тавассути хатҳои телефонии вазорат (Телефони боварӣ) ва шабакаҳои иҷтимоӣ ба мақомоти давлатӣ хабар дод. Барои тамос бо хатҳои телефонӣ, лутфан маълумоти тамос, макони қонуншиканӣ ва аксҳо ё видеоҳоро пешниҳод бояд кард. Шаҳрвандоне, ки қонуншиканиҳои экологиро муайян карда хабар медиҳанд, метавонанд ба шаклгирии рафтори масъулиятноки экологӣ ва риояи қоидаҳо ва қонунҳо ҳисса гузоранд.

Барои шикори қонунӣ, бояд аз мақомоти ваколатдор иҷозатномаи шикор гирифт, қоидаҳо, квотаҳо ва мавсимҳои шикори муқарраршударо риоя бояд кард. Дар Тоҷикистон ва Ӯзбекистон, илова бар иҷозатнома, иҷозатномаи инфиродӣ барои намуди мушаххас ва иҷозатнома барои минтақаҳои муайяншуда лозим аст. Шикори намудҳои зери хатари нобудшавӣ ва минтақаҳои ҳифзшаванда манъ аст.

## Чӣ гуна давлат метавонад чораҳои ҳифзи табиатро тақвият диҳад?



Курсҳои омӯзишӣ барои кормандони хадамоти сарҳадӣ ва гумрук оид ба муайян кардани қочоқ ва савдои намудҳо ва иҷрои Конвенсияи CITES



Маъракаи иттилоотӣ дар фурудгоҳҳо




Рушди мубодилаи маълумот байни мақомоти гумрук, ҳифзи сарҳад ва экология




Иштирок дар маҷлисҳо ва амалигардонии конвенсияи CITES




Ҷазо ва ҷарима



Маводи иттилоотӣ дар бораи намудҳои зери хатар қарордошта



Шароит барои ҷамъоварӣ ва коркарди партовҳо



Ҷалби ҷомеа дар иҷрои вазифаҳо ва амалигардонии конвенсияҳои ҳифзи табиат

Маълумот дар бораи қоидаҳои ҷамъоварии растаниҳо, квотаҳо ва мавсимҳо ҳар сол аз ҷониби мақомоти ваколатдор нашр карда мешавад. Идоракунии оқилонаи чарогоҳҳо ба ҳифзи муҳити зисти намудҳои растаниҳо ва ҳайвоноти ваҳшӣ мусоидат мекунад. Дар Тоҷикистон ва Ӯзбекистон барномаҳои давлатии чарогоҳҳо амал мекунад, ки дар онҳо барои истифодаи устувори онҳо тавсияҳо дода шудааст.

Мақомоти давлатӣ табиатро тавассути татбиқи қонунҳо, қоидаҳо ва қоидаҳо, маблағгузории чорабиниҳои ҳифз ва баркарорсозӣ, таблиғи огоҳии экологӣ ва баланд бардоштани огоҳӣ ҳифз мекунанд. Ба тадбирҳои мушаххас дастгирии ниҳолхонаҳо ва мамнӯъгоҳҳои табиӣ, таблиғи рушди технологияҳои тоза, назорати гуногунии биологӣ ва гузаронидани рейдҳои зидди шикори ғайриқонунӣ дохил мешаванд. Маъракаҳои иттилоотӣ ва ташаббусҳои маърифатӣ, аз ҷумла, насби овезаҳои иттилоотӣ дар фурудгоҳҳо ва истгоҳҳои роҳи оҳан, ки аксҳои намудҳои нодири растаниҳо ва ҳайвонот ва маълумоте, ки мазмуни супурдани ҷаримаҳоро дорад, ба шаҳрвандон дар баланд бардоштани маърифат ва пешгирӣ аз вайронкунии қонунҳои экологӣ кӯмак мерасонад.

## Тавсияҳои умумӣ:

- Дар ҳамкорӣ бо барномаҳои минтақавӣ ва Конвенсияи CITES, мусоидат ба иқтидори мақомоти давлатӣ ҷиҳати коҳишдиҳӣ ва пешгирии ҷамъоварӣ, тиҷорат ва қочоқи ғайриқонунии намудҳои растанӣ ва ҳайвонот тақвият бахшида шавад;
- Марказҳои Орхусро дар талошҳояшон барои паҳн кардани дониш дар бораи набототу ҳайвонот дастгирӣ намояд ва ҳамчунин дигар ташкилотҳо ва фаъолони ҷомеаи шаҳрвандиро барои андешидани чораҳо ҷиҳати коҳиш додани таъсири манфии инсон ба набототу ҳайвонот ташвиқ намояд;
- Тавассути пойгоҳҳои таълимии минтақавӣ (Академияи САҲА, Донишгоҳи Сабз) ва онлайнӣ (Академияи маҷозии CITES, курсҳои онлайнӣ) ба баланд бардоштани маърифати экологии аҳолӣ ва ҷавонон мусоидат намоянд).

## Тавсияҳо барои мақомоти салоҳиятдор:

- Ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ дар мониторинг ва назорати гуногунии биологӣ;
- Мубориза бо шикори ғайриқонунӣ тавассути беҳтар кардани назорат ва огоҳонӣ;
- Манъ кардани чаронидани чорво дар мамнӯъгоҳҳои табиӣ ва боғҳои миллӣ;
- Пешбурди имкониятҳои сайёҳии экологӣ ва таблиғи мамнӯъгоҳҳои хурди ҷамъиятӣ;
- Насли нави мутахассисонро дар маҷмуъ дар соҳаҳои ботаника, зоология ва экология омода кардан.

## Ба ҷамоаҳои маҳаллӣ ва созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ тавсия дода мешавад, ки:

- гармхонаҳои арзон, танӯрҳои офтобӣ ва хушккунакҳои офтобиро ҷорӣ намоянд;
- дастрасӣ ба гази табиӣ ва танӯрҳои каммасрафи энергияро тавсеа бахшанд;
- амалияҳои агроҷангалпарвариро татбиқ кунанд.

## Ҷиҳати ноил шудан ба равиши фарогир дар идоракунии захираҳои табиӣ ва ҳифзи онҳо гузаронидани чунин чорабиниҳо зарур аст:

- Ташкили кор барои гурӯҳҳои занон, корхонаҳои хурд ва маҳаллаҳо, барои ҷалби онҳо ташкил кардани маъракаҳо дар сатҳи маҳал, шинондани дарахтон, тоза кардани ҳудудҳои ҷамъиятӣ ва манбаъҳои об аз партовҳои пластикӣ;
- Мусоидат барои баланд бардоштани маърифат ва иттилооти занон доир ба ҷамъоварӣ ва истифодаи растаниҳои шифобахш, ороишӣ ва муфид.

# Пайвандҳо ба манбаъҳои иттилоотӣ

## Сомонаҳои расмии вазоратҳои муҳити зист


Кумитаи ҳифзи муҳити зисти Тоҷикистон → http://tajnature.tj

Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон → http://tajnature.tj

Маҷмӯаи омории солонаи «Ҳифзи муҳити зист» → https://www.stat.tj/wp-content/uploads/2024/09/machmuai-hifzi-muhiti-zist-2024.pdf

Вазорати ҳифзи табиати Туркманистон → http://natureprotection.gov.tm

Вазорати экология, ҳифзи муҳити зист ва тағйирёбии иқлими Ӯзбекистон → https://gov.uz/en/eco

Гирифтани иҷозатномаҳо дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон → https://gov.uz/ru/advice/591/document/2305, https://gov.uz/ru/advice/591/document/410, https://gov.uz/ru/advice/NaN/document/2533


## Сарчашмаҳои байналмилалӣ


Марказ оид ба муҳофизати ландшафтҳои бузург (2023). Арзёбии табиати вуҳуш ва минтақаҳои ҳифзшавандаи Туркманистон. Розен Т., Аманов А., Қарриева Ш., ва дигарон → https://largelandscapes.org/wp-content/uploads/Assessment-of-Wildlife-and-Protected-Areas-of-Turkmenistan-2023.pdf

Welch G, Stoev P (Eds.) (2019) A report of RSPB-supported scientific research at Koytendag State Nature Reserve, East Turkmenistan. Pensoft Publishers → https://sic-icsd.com.tm/uploads/149_Welch%20and%20Stoev_2019_Koytendag_EN.pdf

Конвенсия доир ба гуногунии биологӣ ва ҳадафҳои глобалӣ → https://www.cbd.int/gbf

Стратегия ва Нақшаи амал оид ба ҳифз ва истифодаи устувори гуногунии биологии Ҷумҳурии Тоҷикистон (2003) → https://www.cbd.int/doc/world/tj/tj-nbsap-01-p01-ru.pdf

САҲА (2014). Назорати объектҳои CITES дар Аврупои Шарқӣ → https://www.osce.org/files/f/documents/5/e/338941.pdf

Конвенсия дар бораи намудҳои муҳоҷираткунанда (КНМ) (2019). Харитасозии «нуқтаҳои калидии» фаромарзӣ барои ташаббуси Осиёи Марказӣ вобаста ба ширхӯрон. Таҳрири Стефан Мишел. → https://www.cms.int/sites/default/files/document/cms_cami2_inf.3_mapping-transboundary-hotspots-for-cami_e.pdf

Созмони шарикӣ оид ба ҳифзи экосистемаҳои муҳими осебпазир (CEPF) (2017). Тавсифи экосистемаҳо ва стратегияи сармоягузорӣ барои кӯҳҳои Осиеи Марказӣ. → https://www.cepf.net/our-work/biodiversity-hotspots/mountains-central-asia

Иттиҳоди аврупо (2019). Бештар аз палангҳо. Еддошти тавзеҳӣ барои муносибати стратегӣ ба нигоҳдории гуногунии биологӣ дар Осие: боби вобаста ба Осиеи Марказӣ. → https://op.europa.eu/en/publication-detail/-/publication/ba5fe255-93cf-11e9-9369-01aa75ed71a1

GIZ “Green Central Asia” → https://www.greencentralasia.org

GIZ “Integrative and Climate-sensitive Land Use in Central Asia” → https://www.landuse-ca.org

IUCN Regional Dialogue on Transboundary Conservation in Central Asia, 28–30 November 2023, Tashkent

“Towards a shared vision for biodiversity conservation in Central Asia” → https://iucn.org/press-release/202311/towards-shared-vision-biodiversity-conservation-central-asia

TRAFFIC (2024). Шарҳи қонунҳои марбут ба истифода ва савдои ҳайвоноти ваҳшӣ дар чор кишвари Осиёи Марказӣ. Токубек уулу Б., Курманов С., Турдубеков У. → https://www.traffic.org/site/assets/files/23053/en_legal_analysis_-traffic_central-asia.pdf

Шабакаи экологии «Zoï» (2024). Омилҳои асосии аз байн рафтани гуногунии биологӣ ва маблағгузорӣ барои нигоҳдории он дар Осиёи Марказӣ. → https://zoinet.org/product/ca-biodiv-financing

## Воситаҳо ва харитаҳои онлайнӣ

Конвенсия дар бораи намудҳои муҳоҷираткунанда (КНМ). Ташаббуси Осиёи Марказӣ вобаста ба  ширхӯрон (CAMI) (2019). Атласи муҳоҷират ва инфрасохтори хаттии ширхӯрони Осиёи Марказӣ. → https://www.cms.int/cami/sites/default/files/document/cms_cami2_inf.4_cami-migration-and-infrastructure-atlas_e.pdf

Конвенсия дар бораи тиҷорати байналмилалии намудҳои зери хатари нобудшавӣ қарордоштаи фауна ва флораи ёбоӣ (CITES), маҳзани маълумот вобаста ба намудҳои тиҷоратӣ → https://trade.cites.org

Конвенсияи CITES, рӯйхати санҷиши намудҳо → https://checklist.cites.org/#/en

«Гумруки Сабз» ҶӮз → https://yashiltamojnya.uz

## Мақолаҳо дар ВАО

→ https://www.nationalgeographic.com/animals/article/wildlife-forensics-animal-trade-smuggling-poaching
→ https://cites.org/eng/news/sg/cites-50-anniversary-since-entry-into-force-reflections-sg-higuero
→ https://uz.sputniknews.ru/20230501/uzbyekistan-oxrana-ryedkiy-rastyeniye-34511531.html
→ https://old.ekolog.uz/?p=3474
→ https://centralasia.news/29433-turkmenistan-oficialno-prisoedinilsja-k-cites.html
→ https://www.un.org/ru/chronicle/article/22214
→ https://asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/society/20240505/kakie-rasteniya-nelzya-srivat-v-tadzhikistane-i-kakovi-posledstviya-dlya-narushitelei
→ https://podrobno.uz/cat/obchestvo/dremuchaya-traditsiya-kogda-na-stolichnom-rynke-zhivotnykh-yangiabad-perestanut-ubivat-krasnoknizhny
→ https://zamin.uz/ru/obshchestvo/152534-na-rynke-kuylyuk-byla-raskryta-nezakonnaya-torgovlya-zmeyami.html
→ https://tj.sputniknews.ru/20221025/zhiteli-sogd-prodazha-zmey-1052421148.html
→ https://www.asiaplustj.info/news/tajikistan/society/20170831/krasnaya-kniga-tadzhikistana-prodolzhaet-popolnyatsya-novimi-ischezayutshimi-vidami
→ https://rus.ozodi.org/a/28375278.html
→ https://old.asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/economic/20240811/sem-rastenii-tadzhikistana-na-kotorih-mozhno-prilichno-zarabotat
→ https://asiaplustj.info/ru/news/life/food/20220313/12-dikih-trav-tadzhikistana-bogatih-vitaminami
→ https://www.gazeta.uz/ru/2025/08/12/wildlife-trade
→ https://gov.uz/ru/advice/NaN/document/2533
→ https://www.fao.org/newsroom/story/healing-hands-and-healing-plants-of-tajikistan/ru#
→ https://gov.uz/ru/eco/activity_page/bioxilma-xillik
→ https://www.gazeta.uz/ru/2024/07/29/hunting
→ https://www.gazeta.uz/ru/2024/07/15/hyaena
→ https://asiaplustj.info/news/tajikistan/society/20250404/tadzhikistan-hochet-stat-liderom-ekoturizma-k-2030-godu-chto-strana-mozhet-pokazat
→ https://turkmenistan.gov.tm/ru/post/59654/zakon-turkmenistana-ob-ohote-i-ohrane-ohotnichih-bogatstv
→ https://turkmenistan.gov.tm/ru/post/71041/ohotniche-rybolovnoe-hozyajstvo-sovremennogo-tipa

